**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Дар шароити ҷамъияти имрӯза аҳамияти корҳои касбинтихобкунии хонандагон махсусан афзоиш меёбад. Ба ин ҳолат мураккабшавии хусусият ва мундариҷаи меҳнати касбӣ боис гардидааст. Худи мураккабшавӣ бошад, бо сабабҳои зерин ба миён меояд: фаъолона ба истеҳсолот ворид шудани техника ва технологияи нисбатан мукаммал ва пешқадам; баробар шудани имкониятҳои худмуайянкунии касбӣ ва афзоиши талаботи касбии шахсият, ки ҷорӣ намудани маълумоти миёнаи умумӣ боиси он гардидааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти солҳои охир фаҳмиши муайяни корҳои касбинтихобкунӣ ба миён омадааст: корҳои касбинтихобкунӣ низоми илмию амалии фаъолият аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, оила, ҷомеаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои маълумоти касбӣ, таҳсилоти олӣ, миёна ва махсус, муассисаҳои фарҳангӣ амалӣ мегардонанд. Кори онҳо ноил гардидан ба мутобиқати хусусиятҳои шахсияти талаба ба талаботи касби интихобшаванда ва эҳтиёҷоти хоҷагии халқи мамлакат нигаронида шудааст.

Дар таҳқиқоти мазкур таърихи пайдоиш ва тараққии ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна, аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои муосир мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба мақсади ҳал кардани масъалаи мазкур Носирова М.Н. руҷӯи муайяни таърихиро пеш гирифтааст, яъне адабиёти сершумори илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, маводи таърихӣ ва бостоншиносии маҳалҳои мухталифи таърихии Тоҷикистонро, ки дорои арзиши илмӣ буданд, омӯхтааст, таҳлил ва тасниф намудааст. Инчунин бо сокинони куҳансоли маҳалҳои мазкур оид ба масоили мавриди таваҷҷӯҳ сӯҳбатҳои бисёр гузаронида шудааст.

Дар боби дувуми рисола таҳқиқот гузаронида шудааст, ки он аз се марҳила иборат буда, натиҷаҳои он дар 12 ҷадвал ва диаграммаҳо нишон дода шудааст.Таҳқиқот бевосита бо китоби дарсии муалиф гузаронида ва натиҷабардорӣ карда шудааст.

**Пешниҳод:**

Дар автореферат дар бораи китоби муаллиф таҳти унвони “Касбинтихобкунӣ” маълумоти кам дода шудааст, мехостем, ки муаллиф бобати мӯҳтавои он муфассалтар шарҳ диҳан. Нуқтаҳои зикршуда танҳо пешниҳод барои беҳбудии кори илмӣ буда, арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсияро коста намегардонад.

Ҳамин тариқ қобили қайд аст, ки ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар фаъолияти касбӣ дар шароити инкишофи босуръати мамлакат мубрамияти махсусро ба даст оварда, бо суръатафзоии раванди ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ алоқаи бевосита дорад. Таҳқиқоти муаллиф, ҳамчун яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала ба шумор меравад ва чун яке аз вариантҳои имконпазири ҳалли масъалаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ баррасӣ мегардад.

Автореферати диссертатсияи Носирова М.Н. таҳти унвони «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таълими касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ ) арзанда ҳисобида мешавад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи методикаи таълими
технологияи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Алламуродов Б.Н.

Имзои Б.Н. Алламуродовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

*Маълумот барои тамос:*

*Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.*
*Тел: (+992) 905035123; e-mail: ballamurodov83@mail.ru*
*Вебсайт: www.btsu.tj*